## Мавзӯи 1. Фанни фалсафа ва мақоми он дар байни донишҳо.

1. Фалсафа - мазмуни мафҳум
2. Сохтори фанни фалсафа
3. **Ҷаҳонбинӣ.**

### Фалсафа - мазмуни мафҳум

Фалсафа (аз калимаи юнонӣ philosophia муҳаббат ба ҳикмат) – илм оиди қонунҳои умумии инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккур, таълимот оиди ҳастии инсон ва усулҳои маърифати олам мебошад. Фалсафа дар асрҳои 7-6 п.а.м. ҳамчун ҷойгузини мифология (асотир) ва дин-шаклҳои ягонаи дониш дар он замон, дар Ҳинду Чину Эрон ва Юнони қадим зуҳур намуд. Кӯшиш ба сӯи дарки ақлонии олам ва инкори усули фантастикии шинохти он, вазифаи фалсафа гардид. Маърифати ҳақиқат ҳадафи мутафаккирони дунёи қадим буд. Калимаи «фалсафа»- ро аввалин бор математики Юнон Пифагор истифода намуд. Пифагор мардумонеро, ки кӯшиши шинохти ҳикмати олӣ мекарданд файласуф меномид. Устуворшавии истилоҳи «фалсафа» ҳамчун ифодакунандаи соҳаи махсуси дониш дар асри 5 п.а.м. ба шарофати Афлотун ба амал омад. Чизи асосиеро, ки файласуфони аввал дарк карданд ин буд, ки ҳикмат дониши тайёр нест, ки онро ҳифз ва истифода намуд, балки ин ҷустуҷӯи мудаввом, ки ҷаҳду талоши зеҳнӣ ва қувваи маънавии инсонро талаб менамояд. Дар ибтидо мафҳуми «фалсафа» нисбат ба имрӯз бо мафҳуми васеътар истифода мешуд. Ин калима умуман ҳам чун муродифи илм буд, барои ҳамин ҳамаи кашфиёт дар соҳаи физика, астрономия, математика, ҳуқуқ, тиб, санъат мавзӯи омӯзиши файласуфони қадим гардид. Дар натиҷаи тақсимшавии илм ба соҳаҳои дониш фалсафа ба омӯзиши масъалаҳои умумии ҷаҳонбинӣ машғул гардид, ки баъзан онҳоро масъалаҳои абадӣ меноманд:

- Сохтори олам чигуна аст? Оё он донисташаванда аст?
- Муносибати руҳ ва модда чигуна аст?
- Қонунмандӣ ва тасоддуф дар ҳаёти мо чи накше доранд?
- Таърихи инсоният чист ва чӣ гуна пешравиҳо дорад?
- Бадиву некӣ, зебогӣ ва адолат, ҳақиқат ва дурӯғ чист?

➢ Маънии ҳаёт чист ва рисолати инсон дар чӣ ифода меёбад?

Гузориши ин масъалаҳо, ғуншавии донишҳои илмӣ ва васеъшавии тасаввурот оиди олам ба ташаккули фанҳои (қисматҳои фалсафа) ҷудогонаи фалсафӣ оварда расониданд:

а) онтология - таълимот оиди ҳастӣ; б) гносеология (назарияи маърифат) – таълимот оиди маърифати олам; в) мантиқ–илм оиди шаклҳо ва қонунҳои тафаккур; г) таърихи фалсафа –илм оиди қонунҳои инкишофи таърихии тафаккури фалсафӣ; д) этика (ахлоқ) – таълимот оиди одобу ахлоқ; е) эстетика – таълимот оиди зебошиносӣ ва ғ.

Муддати дарозе мутафаккирон оиди он ки кадом масъала барои фалсафа асосӣ ба шумор меравад, баҳс мекарданд. Дар давраҳои гуногун чунин масъалаҳо: Ҳақиқат чист? Хушбахтӣ чист? Озодӣ чист? ва ғайраро масъалаи асосии фалсафа ҳисоб мекарданд. Дар асри 19 Фридрих Энгелс кӯшиш намуд, ки масъалаи асосии фалсафаро мухтасаран ифода намояд. Аз рӯи ақидаи ӯ ин масъала оиди муносибати шуур ва ҳастӣ мебошад. Чӣ муқаддамтар аст: ҳастӣ ё шуур, модда ё рӯҳ? Оё олам танҳо дар шуури мо вуҷуд дорад, ё берун ва нобобаста аз он?

***Фалсафа –*** шакли фаъолияти маънавие, ки ба таҳлил ва ҳалли масъалаҳои бунёдӣ бо коркарди биниши том оиди олам ва мақоми инсон дар он алоқаманд аст, равона шудааст.

## Сохтори фанни фалсафа

қисми 1: Онтология таълимот оиди ҳастӣ
қисми 2: Гносеология – таълимот оиди маърифат
қисми 3: Антропология-таълимот оиди инсон
қисми 4: Сотсиология-таълимот оиди ҷамъият

## Ҷаҳонбинӣ

Фалсафа дар ташаккули ҷаҳонбинӣ нақши асосиро иҷро мекунад.

*Ҷаҳонбинӣ – нуқтаи назари том ба олам ва мақоми инсон дар он.*

*Дар таърихи инсоният се шакли асосии ҷаҳонбинӣ қайд карда мешавад*:

1. Асотирӣ
2. Динӣ

3. Фалсафӣ

*Ҷаҳонбинии асотирӣ* шакли шуури ҷамъиятӣ ҷаҳонбинии ҷамъияти қадима, ки дорои идроки фантастикӣ ва реалистии воқеият мебошад. Хусусияти асотир шахсонидани предмет, мавҷудияти худоёни фантастикӣ, муносибат ва алоқаи онҳо бо инсон.

*Ҷаҳонбинии динӣ* – шакли ҷаҳонбине, ки бунёд бар эътиқод ба қувваи фавқутабие дорад, ки ба ҳаёти инсон ва олами атроф таъсирпазир мебошад. Барои ҷаҳонбинии динӣ дарки ҳиссӣ ва эмосионалии воқеият хос аст.

*Ҷаҳонбинии фалсафӣ* аз дигар намудҳои ҷаҳонбинӣ бо он фарқ мекунад, ки бар асоси дониш бунёд ёфта, мантиқан ба мафҳумҳо ва категорияҳои аниқ такя менамояд. Ҳамин тариқ ҷаҳонбинии фалсафӣ шакли олии ҷаҳонбинӣ буда, бо системанокӣ ва ратсионалии худ фарқ мекунад.

Ҷаҳонбинии фалсафӣ 3 марҳалаи эволютсияро тай намудааст:

1. Кайҳонмарказӣ
2. Худомарказӣ
3. Инсонмарказӣ